«Тасдик мекунам»
муовини Вазири кишоварзии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Зеваршои З. Т.
________________________________
«__31__» ____05____ соли 2024

ПРОТОКОЛИ
Ҷаласа Гурӯҳи кории байниидоравии «Таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат» дар доираи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ш. Душанбе 31 майи соли 2024

Иштирок доштанд:

Дар ҷаласаи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, намояндагони мақомоти давлатӣ, шарикони рушд, бахши хусусӣ ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ иштирок намуданд. (руйхат замима мегардад).

Рузномаи ҷаласа:

1. Муаррифии «Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030».
2. Муаррифии «Барномаи рушди чарогоҳҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027».
3. Инъикоси масъалаҳои «Таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат» дар шарҳи Ихтиёрии маҳаллии шаҳри Душанбе.

Ҷаласаро Мадҷон М. Ҳамоҳангсози Котиботи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз намуда, оид ба нақши Шӯро дар амалишавии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (БМР 2021-2025) ва Ҳадафҳои рушди устувор маълумот пешниҳод намуд. Қайд карда шуд, ки Шӯро мақоми машваратӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бо мақсади таъмини ҳамкорӣ байни мақомоти

давлатӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар масъалаҳои амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон вобаста ба Рӯзномаи 2030 таъсис дода шудааст. Дар доираи Шӯро Гурӯҳҳои кории байниидоравӣ аз рӯи 14 ҳадафу афзалиятҳои стратегии рушди кишвар фаъолият менамоянд, ки мақсади асоси онҳо баррасии роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои миллии гузошташуда мебошад.

Сипас, тибқи рузномаи ҷаласа аз ҷониби Абдуллозода А. сардори Раёсати сиёсати аграрӣ ва мониторинги амнияти озуқаворӣи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба муаррифии «Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030» рӯнамо пешниҳод гардид, ки Барномаи мазкур ҳамчун як форум барои муттаҳидсозии кӯшишҳои Ҳукумат ва шарикони рушд ҷиҳати таҳкими ислоҳоти институтсионалӣ ва сохторӣ дар соҳаи кишоварзӣ татбиқ карда шудааст. Аз ҷониби иштирокчиён муҳокимаронии пурмуҳтаво атрофи масъалаҳои роҳандозии технологияҳои иттилоотӣ, бунёди марказҳои логистикӣ, мутобиқ намудани маҳсулот ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ, тақвият бахшидани ҳамкориҳо бо шарикони рушд ва бахши хусусӣ ҷиҳати ҷалби маблағҳои молиявӣ барои татбиқи самараноки нақшаи чорабиниҳои барнома сурат гирифт.

Вобаста ба масъалаи дуюми рузномаи ҷаласа аз ҷониби Назаров С. директори Муассисаи Давлатии «Тресты чарогоҳу мелиоративӣ»-и Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифии «Барномаи рушди чарогоҳҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» рӯнамо пешкаши аъзои гуруҳи корӣ гардид, ки мақсади асосӣ ва қабули зарурияти барнома, истифодаи самараноки чарогоҳҳои кишвар, афзун гардонидани захираи алафҳои табиии чарогоҳ бо истифода аз технологияҳои муосир тавассути кишт намудани тухми алафҳои табиӣ, ғизодиҳӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ ба қадри 15-20 сентнер мебошад.

Сипас, аз ҷониби коршиноси миллӣ Муминова Фарида дар мавзӯи «Инъикоси масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат дар Шарҳи ихтиёрии маҳаллии шаҳри Душанбе» рӯнамо пешкаши иштирокчиёни ҷаласа гардид, ки байни иштирокчиён мубоҳисаҳоро дар мавзӯи роҳандозии таҷрибаи пешқадами танзими нархи маҳсулоти озуқа, бунёди сардхонаҳои муосир ва инфрасохтори логистикӣ, баланд бардоштани маданияти соҳибкорон, даромади аҳолӣ, сатҳи фарҳангу маърифат, касбият ва тахассуси ҷавонон ва сокинони пойтахт ва дигар масъалаҳои мавзӯъ ба миён овард.

Қайд гардид, ки лоиҳаи Шарҳи ихтиёрии маҳаллӣ дар сомонаи МИҲД шаҳри Душанбе ва сомонаи Шӯрои миллии рушд барои баррасӣ ва пешниҳоду таклифҳо ҷой дода мешавад. Ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор метавонанд тариқи мустақим бо лоиҳаи Шарҳи ихтиёрии шаҳри Душанбе дар мавзӯи "Душанбе ояндаи ҳушманд ва устувор" шинос шуда, дар такмили он ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи пойтахти кишвар саҳми худро гузоранд.

Дар раванди ҷаласа, иштирокчиёни ҷаласа вобаста ба масъалаҳои дар рунамоҳо пешниҳодгардида, ибрози ақида намуданд. Аз ҷумла, аз ҷониби намояндагони Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон Акрамзода С. оид ба иҷрои бандҳое ки кумита масъул ҳаст, Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон Қодиров Фирдавс оид ба татбиқи ғизои рушди то мактабӣ ва худи саҳми Вазораи кишоварзӣ оид маблағгузории барнома, намояндаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе вобаста ба нархи маҳсулоти озуқа дар бозорҳои шаҳр ва тадбирҳои пешгирикунандаи болоравии нархҳо, Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзии СММ Иброҳимов А. оид ба муҳокимаи масъалаҳоро сурат гирифта, пешниҳодҳои худро вобаста ба онҳо манзур намуданд ва омодагии худро ҷиҳати иҷрои тадбирҳои пешбининамудаи барномаҳои мазкур иброз дошатанд. Инчунин аз ҷониби намояндаи FAO Ҳомидов С. Пешниҳод гардид, ки дар таҳияи намудани барномаҳои минтақавӣ оид ба масъалҳои чарогоҳи ба инобат гирифта шавад.

Дар анҷоми ҷаласа ҳамоҳангсози Котиботи Шӯрои миллии рушд аз аъзои гурӯҳи корӣ ҷиҳати боз ҳам тақвият додани ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар татбиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафҳои дар БМР 2021-2025, СМР-2030 ва ҲРУ даъват ба амал овард.

Баъд аз баррасии хаматарафаи масъалаи рӯзнома, ҷиҳати фаъол гардидани гурӯҳи кории «Таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат» дар доираи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои зерин қабул карда шуданд:

1. Котиботи Шурои миллии рушди назди Президенти Чумхурии Точикистон якҷо бо Вазорати кишоварзӣ, Котибот ва Роҳбари Гуруҳи корӣ вазифа ва ваколатҳои аъзои Гуруҳи кории байниидоравиро тибқи Низомномаи Шурои миллии рушди назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Регламенти Гуруҳи корӣ ба роҳ монанд;
2. Вазорату идорахое, ки дар амалишавии ҷорабиниҳои барномаҳои Вазорати кишоварзӣ масъул мебошанд бо мақоми ваколатдор

ҳамкорӣ намуда, барои бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдошта тадбирҳои иловагӣ андешанд;

3. Дастурамали фаъолияти Гурӯҳи кории «Таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат» баррасӣ ва ҳар чи зудтар тасдиқ карда шавад;
4. Аъзои Гуруҳи корӣ лоиҳаи Шарҳи ихтиёрии маҳаллиро баррасӣ намуда, ҷиҳати такмили он ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи пойтахти кишвар таклифҳои худро пешниҳод намоянд.

Қарори қабулшудаи мазкур, аз ҷониби иштирокчиён қабул карда шуд. Зид ва бетараф нест.